**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Таҳқиқоти диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич таҳти унвони “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” қобили мулоҳиза ва тааммули хос буда, рисолаи ҷомеъ ва таҳқиқоти муфассалу густурда ва дар айни замон, мушаххасу пажуҳишии бо забони шевою фасеҳ аз арзиши баланди илмӣ бархурдор ва аз огоҳиву маълумоти саршори муаллиф дар ин замина гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф таҳқиқоти хешро дар ду боб ба фаслҳои ҷудогона ва хулосаву феҳристи адабиёт фароҳам овардааст, ки фарогири масъалаҳои умда ва асосии мавзуи мавриди таҳқиқ чун масъалаҳои ҷойгоҳ ва мақоми бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар рушду такомули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди тадриси суруд ва мусиқӣ бо овардани мадраку далелҳои муътмади илмӣ асоснок карда шудаанд.

Муҳаққиқ боби аввали рисоларо **“Асосҳои назариявӣ–методологии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** ном ниҳода, перомуни масъалаҳои рушду тавсеаи салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқиро ҳаматарафа ба риштаи таҳлилу таҳқиқ гирифта, рисолати омӯзгори фанниро дар ҳамин замина таъсиргузор ва судманд арзёбӣ кардааст.

Инчунин мафҳуми салоҳиятро илман шарҳу тавзеҳ дода, онро ба сифати қобилияти инсон бо мақсади азхуд намудани офаридаҳои моддию маънавӣ, дар муомилаву муошират ва фаъолияти мустақилона ва иштирок дар бозиро бо диди тоза ва афзалиятнок қаламдод намудааст.

Таҳқиқӣ назариявии ин масъала нишон додааст, ки баргузор намудани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо ба мадди эътибор гирифтани шароитҳои педагогӣ муҳите фароҳам меорад, ки кӯдакон ба навохтани созҳои мусиқӣ, бардошт ва таассурот ҳосил намудан аз назокату дороиҳои мусиқӣ ва дар руҳияи зебоипарастӣ ва фаҳмиши оҳангу навоҳои мухталифи суруду мусиқӣ комилтар ошно шаванд.

Ин нуқтаи ҳадафманд бо роҳу шеваҳои муосири таълим дар таҳқиқот

ба алоқамандони соҳа манзур гардидааст. Боби дуюми рисола **“Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ”** унвон дошта, дар он таҳқиқот ва озмоишҳои анҷомдодаи муаллиф дар пояи муассисаҳои таълимӣ дар се марҳила- муқарраркунада, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ ба маърази андеша гирифта, аз раванди фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ хулоса ва натиҷаҳои дилхоҳ ҳосил намудааст. Натиҷаҳою маълумотҳои мавриди санҷиш қарор додашударо дар ҷадвалу нақшаҳои мувофиқ дар муқоиса бо фоиз нишон додааст. Дар зимн қазоват ва бардошти муҳаққиқ ин аст, ки дар ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳсилоти ибтидоӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ нақши бориз ва муассир дошта, дар баланд бардоштани завқи бадеӣ ва ғановати маънавии кӯдакон таъсироти хосро тақдим медорад.

Дар қисмати хулоса фикру мулоҳизаҳои пажуҳишгар мураттаб дастабандӣ гардида, василаҳои умдаи бозиҳои-мусиқӣ дидактикиро дар барангехтани шавқу ангеза ва таъсири мусбат эҳдо намудан ба руҳияи кӯдаконро талқин ва ташвиқ намудааст.

Мушаххас карда шудааст, ки дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар рушди шахсияти кӯдакон аз аҳаммияти махсус бархурдор буда, ин насл меҳмонони имрӯзу ояндасозони фардои халқу Ватани хеш ҳастанд, ки дар роҳи худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва муқаддас нигоҳ даштани фарҳангу арзишҳои миллӣ ҳидоят мекунад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Боев Шаҳобиддин арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯӣ карда, ифодакунандаи он аст, ки муаллиф бо дарки моҳияти масъалаи мавриди таҳқиқ аз дидгоҳи педагогӣ тамоми паҳлуҳои ба мавзуъ мутааллиқро ҳаллу фасл намуда, ба он баҳои воқеӣ додааст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар таҳқиқот бо баҳрабардорӣ аз адабиёту осори илмии олимони зиёди ватаниву хориҷӣ андешаву мулоҳизаҳои дақиқу пурарзишро баён намуда, иқтибосҳои овардааш низ посухгӯ ба талаботи мавзуъ аст, ки ба мазмун ва мундариҷаи рисола муносиб воқеъ афтодааст.

Бо итминон метавон арз дошт, ки арзиши назариявию амалии рисолаи мазкур бозгӯкунандаи доштани дониши фарох ва доро будани тафаккури илмии соҳиби онро муаррифӣ карда, маҳорату малакаи ӯро дар иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нишон медиҳад. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, маҳтавои мухтасари диссертатсияро дар худ инъикос намудааст. Мақолаҳои илмии дар нашрияҳои тақризшаванда фарогири пурраи музмуни таҳқиқот мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи “Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ” ба талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 №267 ) ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳоипедагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан
дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ
ва миёнаи умумии филиали
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”
дар шаҳриДушанбе Қурбонова Г.

Суроға: 734000, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи М. Турсунзода
8а. Тел: 915272221

27.03.2025

Имзои Қурбонова Г-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ФМДДҶТИБКСМ Бахронбекова Н.